**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва зарурати ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар саросари ҷаҳон, таҷдид ва мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ яке аз вазифаҳои муҳим барои кишварҳо мебошад. Ҷанбаи муҳими ин раванд ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) мебошад, ки шаффофӣ ва қиёспазирии иттилооти молиявиро дар сатҳи байналмилалӣ таъмин менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар кишварҳо, ҷиҳати ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ бо мақсади такмили ҳисоботи молиявӣ, фароҳам овардани шароит барои воридшавии сармояи хориҷӣ корҳо идома доранд. Аммо гузаштан ба стандартҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии низоми баҳисобгирии молиявӣ таҳлили амиқи назариявӣ ва методологӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳои амалиро дар заминаи татбиқи СБҲМ талаб мекунад. Бинобар ин, мавзуи таҳқиқот хеле мубрам аст.

Автореферат моҳияти асосии диссертатсияро ифшо ва муҳтавои онро дар шакли фишурда ифода мекунад. Дар автореферат навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои дар асоси он таҳияшуда ва дигар муқарраროти муҳими диссертатсия оварда шудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 1 монография, 51 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 22 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст, ки ҷиҳатҳои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва коркардҳои амалӣ вобаста ба мавзуъ пурра ва мукаммал мебошанд. Диссертатсия таҳқиқи аксари масъалаҳои мубрами бо методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ алоқамандро фарогир аст, аз қабили: таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои меъёрию ҳуқуқии низоми

баҳисобгирии муҳосибӣ, нақши муҳити институтсионалӣ, сиёсати иқтисодии давлат, талаботи ҷомеа ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ (саҳ. 23); таснифи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими дарки назариявии моҳияти онҳо (саҳ. 25); таҳаввули равишҳои методологии бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ (саҳ. 31); баррасии мушкилоти танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла таҳияи нокифояи дастурамалҳои соҳавӣ, набудани маводи методӣ ва амалӣ оид ба татбиқи СБҲМ дар соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёт ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо (саҳ. 38-40); ҳамоҳангсозии таҳлил ва арзёбии мухтавои СБҲМ, ошкор кардани мушкилот ва камбудиҳои татбиқи онҳо дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ (саҳ. 43).

Муаллиф се гурӯҳи асосии мушкилоти марбут ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди баҳисобгирии молиявиро дар заминаи татбиқи СБҲМ ҷудо карда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод кардааст: 1) ягонакунии ҳисоботи молиявӣ; 2) рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва автоматикунонии ҳисобот; 3) таваҷҷуҳ ба масъулияти иҷтимоии корпоративӣ ва нишондиҳандаҳои экологӣ (саҳ. 45). Ин аз аҳамияти баланди илмию амалии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад.

Як нуктаи ҷолиби таҳқиқот, ки аз мухтавои автореферат бармеояд, ошкор кардани камбудиҳои муҳими нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди сохтори намунавии он барои корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (саҳ. 49).

Ҷиҳатҳои арзишманди диссертатсия зиёд мебошанд, ки дар автореферат маълумоти мухтасар дар бораи онҳо оварда шудааст. Бо вуҷуди ин агар муаллиф дар таҳқиқот ба якчанд нуктаҳо диққат медод, арзиши илмию амалии он бештар мегардид. Вобаста ба ин, баъзе эродҳоро баён мекунем:

1. Пешниҳодҳо оид ба рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ қобили таваҷҷуҳанд, вале онҳо хусусияти умумӣ доранд; хуб мебуд, агар воситаҳои мушаххаси татбиқи технологияҳои рақамӣ дар сатҳи корхонаҳо таҳия карда мешудаанд.

2. Дар бахши таҳқиқот, ки ба ҳамоҳангсозии баҳисобгирии молиявӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд бахшида шудааст, муқоиса кардани таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо бо мамлакатҳои ҳамсоя, балки бо дигар мамлакатҳо (масалан, бо мамлакатҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ) низ манфиатнок мебуд, чунки ин барои таҳқиқот пойгоҳи васеи қиёсиро таъмин мекунад.

3. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ далелҳои муфассалтари ҳуқуқиро талаб мекунанд.

4. Бахшҳои алоҳидаро метавон тавассути таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ мустаҳкамтар кард.

Эродҳои мазкур тавсиявӣ буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ метавонад онҳоро дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба инобат гирад.

Хулосаи умумӣ аз омӯзиши муҳтавои автореферат чунин аст, ки диссертатсия дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Каримов Баҳодур Ҳасанович барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит арзанда мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити факултети
иқтисод ва идора- и ДДОТ ба номи С. Айнӣ Зиёзода Б.С.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсен
Зиёзода Б.С.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
Суроға:, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121
Телефон: +992(37) 224-13-83
WWW: www.tqpu.tj E-mail: info@tqpu.tj

04.09.2025с.